**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои рисолаи илмӣ.** Диссертатсия дар шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода, муҳокима, муқарризӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Ҳамчунон кор дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот давра ба давра, бо таҳия ва ҳалли проблемаҳои кори диссертатсионӣ гузаронида шудааст. Мазмуни асосии рисола ва хулосаҳои назариявии муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ҳамоиш ва семинарҳои илмӣ ҳамчун маъруза пешниҳод гаштааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯи мавзуи диссертатсия муаллиф 1 рисолаи илмӣ ва 15 мақолаи илмӣ, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сохтори диссертатсия бо мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия – 174 саҳифа мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, дараҷаи таҳқиқоти он, объект, предмет, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаи меъёрӣ, навгонии илмӣ ва мазмуни асосии илмии ба ҳимоя баровардашаванда, муҳиммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамчунон тасвиби

натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии унвонҷӯ, сохтори диссертатсия пешбинӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун зарурати объективӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ»** аз се параграф иборат мебошад. Дар он масъалаҳои зарурати объективии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шароити ҳозиразамон, ҳуқуқ ба ҳифз ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ, намудҳо ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таҳлил карда шудаанд.

Дар параграфи аввал – «**Зарурати объективии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шароити муосир**», ҳолати муосир ва давраҳои инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таҳлил карда шудааст, мафҳуми «истеъмолкунанда» ҳамчун шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки молро барои талаботи шахсӣ, оилавӣ, хонагӣ ва ба монанди инҳо истифодакунанда баррасӣ гаштааст. Қайд карда мешавад, ки чӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва чӣ аз назари амалӣ дар давраи муосири инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун қисми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд объективӣ мебошад, дар партави вазъияти пайдошуда вақти таъмин намудани ҳифзи самараноки ин ҳуқуқҳо расидааст. Қайд карда мешавад, ки дар масъалаи ҳамчун истеъмолкунанда фақат шахси воқеӣ шуда метавонад, ё ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ду ақидаи мутақобил мавҷуд аст. Мавқеи аввал ҳамчун истеъмолкунанда фақат шахси воқеиро эътироф мекунад (С.Г. Бунина, Н. И. Муминзода, Д. Ш. Сангинзода ва диг.), мавқеи дигар ҳамчун истеъмолкунанда ҳам шахси ҳуқуқиро эътироф мекунаду ҳам шахси воқеиро (С. С. Занковский, И. В Кирюшина ва диг.). Муаллиф дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари мавҷуда ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадааст, ки мавқеи охирон бештар асосноктар аст. Чунки дар шароитҳои нави инкишофи муносибатҳои бозорӣ ба ҳимояи махсус на фақат шаҳрвандони алоҳида, балки шахси ҳуқуқии барои мақсадҳои «истеъмолӣ» мол харида низ муҳтоҷ аст. Масалан, дар шартномаи маҳсулотсупорӣ (м.573 КГ ҶТ) ҳар ду тараф (маҳсулотсупоранда, харидор) агар бо мақсади гирифтани фоида молро истифода баранд мақоми соҳибкорро доранд. Вале мол барои «дигар мақсадҳо», яъне шахсӣ, маишӣ, хонагӣ ва ба монанди он, на барои гирифтани фоида, харидорӣ шавад, пас дар нақши истеъмолкунанда ҳар як субъект, аз он ҷумла шахси ҳуқуқӣ, баромад карда метавонад. Ҳамин тавр, чунин мафҳум ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.573), ки имконияти ба сифати истеъмолкунанда эътироф намудани ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқиро рад намекунад, мувофиқат мекунад.

Нишон дода мешавад, ки айни замон савдо на фақат бевосита аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурушанда), балки тавассути шабакаи Интернет ҳам амалӣ мегардад. Ба ақидаи диссертант он давраи нави инкишоф ва намуди шартномаи хариду фурӯш мебошад. Бо пайдошавии он истеъмолкунанда воқеан аз имконияти «зинда» бо фурӯшанда муошират кардан маҳрум шуд ва он дар навбати худ муносибати ҳамдигарии минбаъдаи онҳоро оиди ҳифзи

ҳуқуқи истеъмолкунанда мураккаб гардонид. Бо сабаби дар истеъмолкунанда набудани хуҷҷатҳои тасдиқкунандаи харидории мол дар мавридҳои пайдо кардани камбудиҳои он вай дар бораи суроға ва иттилооти алоқавӣ оиди мавзеи ҷойгиршавӣ, мухлатҳои кафолатӣ ва ҳуқуқҳои истеъмолкунанда маълумот надорад. Барои ҳамин таклиф карда мешавад, ки моддаи 531.1 Кодекси Граждании ҶТ дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ба фурушанда зарур аст мавриди фуруши мол тавассути саҳифаҳои электронӣ (интернет-мағозаҳо) суроға ва маълумотҳои алоқавӣ дар бораи мавзеи ҷойгиршавии худ, мухлатҳои кафолатноки мол ва ҳуқуқи истеъмолкунандаро нишон диҳад". Барои тасдиқи воқеияти харидории мол метавонанд мубодилаи мактуб, қабули шартҳои созишномаи дар сомонабуда, аудио-видео хабарҳо, имзои электронии созишномаҳо, расмҳои HTML веб-саҳифаҳо, ки дар онҳо харидории мол нишон дода шудааст, хизмат карда метавонанд.

Дар параграфи дуюм **«Ҳуқуқи ҳифз ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ»** диссертант қайд менамояд, ки истеъмолкунанда моҳиятан аз лаҳзаи харидории мол, кор ва хизматрасонӣ соҳиби ҳуқуқи ҳимоя мебошад. Ҳамин тавр, хусусияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар он аст, ки ҳуқуқ фақат баъди харидории мол ё истифодабарии хизмат пайдо мегардад. Дар мавриди ёфт шудани камбудӣ дар моли ба даст овардашуда истеъмолкунанда бо ягон сабаб ба контрагент (истеҳсолкунанда, фурушанда, иҷрокунанда) муроҷиат накарда, молро ғайримақсад истифода барад, ҳуқуқи вай ба ҳифз таъмин карда намешавад.

Ҳуқуқи ҳифз ҳуқуқи субъективии истеъмолкунанда мебошад ва онро фақат бо ташаббуси худ истифода бурда метавонад. Маҳдудияти ҳуқуқҳои вай набояд роҳ дода шаванд. Баробари он ҳуқуқи истеъмолкунанда ба ҳифз бояд аз имконияти дар мавридҳои зарурӣ ба мусоидати дастгоҳи давлатӣ муроҷиат кардан ба миён ояд. Чунки истеъмолкунандаи ҳуқуқҳояш вайроншуда бе дастгоҳи давлатии маҷбуркунӣ на ҳама вақт ҳуқуқҳои вайроншудаи худро татбиқ ва ҳифз карда метавонад, зеро контрагентҳои вай ҳуқуқҳои ӯро поймол карданаш мумкин аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ исбот карда мешавад, ки ҳуқуқ ба ҳифз дар худ имконияти аз ҷониби шахси ҳуқуқдор (истеъмолкунанда) амалӣ намудани амалҳои мусбии худ ва талаб кардани рафтори муайян аз шахси уҳдадорро (истеҳсолкунанда, фурӯшанда, иҷрокунанда) дорад. Ба ақидаи диссертант қоидаи мазкур бо назардошти хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда бояд аниқ карда шавад, чунки фақат баъд аз пурра барқарор намудани ҳуқуқи вайроншудаи истеъмолкунанда дар бораи амалҳои мусбии контрагент сухан рондан мумкин аст.

Ҳуқуқи субъективии истеъмолкунанда ва ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда бо ҳамдигар алоқаманд бошанд ҳам, мафҳумҳои тавъам нестанд. Ҳуқуқи субъективии истеъмолкунанда ин чораи рафтори имконпазири бо қонунгузорӣ ва шартнома муқарраршудаи истеъмолкунанда мебошад. Аз ин ҷо муаллиф ҳуқуқи субъективии ҳифзи истеъмолкунандаро ҳамчун амали вай нисбати шахси уҳдадор (фурӯшанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) бо мақсади мустақилона ё тавассути дастгоҳи давлатӣ барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии вайроншуда муайян мекунад.

Параграфи сеюм ба **«Шаклҳо ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»** бахшида шудааст. Ин ҷо иловатан хулоса оиди зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон тавассути шаклҳои ҳифзи юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ асоснок карда мешавад. Вақте ки ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ё барои он аз ҷониби давлат ваколатноккардашуда амалӣ мегардад, чунин шакли ҳифзи юрисдиксионӣ мебошад. Амали шаҳрвандон ва ташкилотҳо оиди ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ шакли ғайриюрисдиксионии ҳифз мебошад. Таъкид карда мешавад, ки шакли ғайриюрисдиксионии ҳифзи яке аз шаклҳои аввалини ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мебошад. Вай аз ҷониби худи истеъмолкунандагон ба тартиби тосудӣ, то муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ, бо роҳи муроҷиат кардан ба контрагентҳои худ татбиқ мегардад. Қайд карда мешавад, ки ба тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон худмуҳофизатӣ, дигаргун ё қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ройгон бартараф кардани камбудиҳо, иваз кардани моли бесифат, ҷудо кардани шартномаи хариду фурӯш ва ғ. номбар кардан мумкин аст. Ҳар яке аз онҳо бо мазмун ва имконияти татбиқи амалӣ фарқ мекунанд. Худмуҳофизатнамоӣ ҳамчун яке аз тарзҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз ҷониби диссертант ҳамчун амали барқароркунии ҳуқуқи вайроншудаи аз муносибатҳои шартномавӣ ба вуҷудояндаи истеъмолкунанда, ки бо маҷбуркунии давлатӣ алоқаманд нестанд, муайян карда мешавад.

Боби дуюми диссертатсия «**Чораҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои граждании истеъмолкунандагон»** аз се параграф иборат мебошад. Дар он масъалаҳои фарқият ва хусусиятҳои чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, асосҳои татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, ҳамчунин масъалаҳои ба амал баровардани ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон бо чораҳои хусусияти раддиядошта баррасӣ мегарданд.

Дар параграфи аввал «**Фарқият ва хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»** ба худи мафҳуми ин чораҳо ва аҳаммияти онҳо дар ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон рушанӣ андохта мешавад. Қайд карда мешавад, ки масъала дар бораи умуман чораҳои ҳифз, алалхусус ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, на дар назарияи ҳуқуқ, на дар амалияи қонунгузорӣ, пурра таҳлил карда нашудааст. Дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «чораҳои ҳифз» муайян карда нашудааст, масъалаи хусусиятҳои функсионалии татбиқи амалии «чораҳои ҳифз» бошад тавассути мафҳуми «тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ» (м.12 КГ ҶТ) татбиқ мегардад.

Нишон дода мешавад, ки дар илми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ ба чунин мақсадҳои чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ба монанди пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ (Кожевников С.Н.), қатъ ва барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда (Стоякин Т.Я, Вершинин А.П.) нигаронида мешавад. Дар чорчӯбаи кори мазкур диссертант чунин хусусиятҳои чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро, ба монанди ҳуқуқбарқароркунанда, қатъкунанда, пешгирикунанда баррасӣ менамояд. Ин чораҳо хислатҳои ҷазодиҳанда ҳам доранд. Вале барои чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мавҷуд будани маҷбуркунии давлатӣ ҳатмӣ нест.

Муаллиф мувофиқи мақсад меҳисобад, ки масъала дар бораи чораҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун яке аз чораҳои гуногуни маҷбуркунӣ ва тарзи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар доираи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон истифода шавад.

Диссертант чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандаро ҳамчун воситаҳои ҳуқуқии барқарор намудани ҳуқуқи вайроншуда, қатъ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва барқарор намудани ҳолати то вайронкунӣ мавҷудбуда равонашуда баҳо медиҳад.

Дар параграфи дуюм «**Асосҳои татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»** қайд карда мешавад, ки байни олимон оиди асосҳои татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда ақидаи ягона нест. Аксарияти олимон чунин меҳисобанд, ки асоси татбиқи ин чораҳо худ ба худ рафтори зиддиҳуқуқӣ, новобаста аз он ки вай хусусияти гунаҳкорона ё бегуноҳона дорад ва бо зарари бавуҷудомада дар алоқаи сабабӣ мебошад, хизмат мекунад (О.С. Иоффе). Ҳол он ки дар мавриди набудани гуноҳи истеҳсолкунанда (фурушанда, иҷрокунанда) ҷавобгарии онҳо ба мавҷудияти таваккал асос меёбад (В.А. Ойгензихт, М.З. Рахимзода). Аз ин ҷо, муаллиф таваккали соҳибкорро дар фурӯши моли бесифат ҳамчун категорияи субъективӣ ва ҳамчун яке аз шартҳои субъективии ҷалб намудани вай ба ҷавобгарӣ баррасӣ менамояд. Ҳуқуқвайронкунии соҳибкорон (фурушанда, иҷрокунанда, истеҳсолкунанда) пеш аз ҳама ба фуруши молҳо, корҳо ва хизмати бесифат асос меёбад, ки онҳо инро медонанд, вале бошуурона, ҳуқуқи истеъмолкунандаро ба харидории моли босифат писанд накарда, таваккал мекунанд ва онро мефурӯшанд. Ин дар навбати худ ҳамчун асос барои муроҷиати истеъмолкунанда барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншудаи худ хизмат мекунад. Аз ҳамин сабаб таваккалии истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурушанда) на фақат ҳамчун асоси субъективии ҷалб намудан ба ҷавобгарӣ, балки ҳамчун асоси татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон хизмат мекунад.

Дар параграфи сеюм «**Ба амал баровардани ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо чораҳои хусусияти раддия дошта»** масъалаҳои ба чораҳои хусусияти раддия дахлдошта баррасӣ мегарданд. Қайд карда мешавад, ки дар илми сивилистӣ мафҳуми чораҳои хусусияти раддиядошта бо мафҳуми чораҳои хусусияти оперативидошта якхела мебошанд. Масъала оиди таснифи чораҳои хусусияти таъсиррасонии оперативидошта айни замон чун яке аз камомӯхтатарин дар доираи илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мемонад. Мураккабии таснифоти чораҳои хусусияти таъсиррасонии оперативидошта пеш аз ҳама бо гуногунии онҳо алоқаманд аст, чунки шумораи зиёди намудҳои гуногуни онҳо хусусияти шартномавӣ доранд. Онҳо амалҳое мебошанд, ки бевосита шахси дорандаи ҳуқуқ ҳамчун тарафи муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ нисбати вайронкунандаи ҳуқуқ ва ухдадориҳо то муроҷиат кардан ба мақомоти давлатии салоҳиятнок татбиқ менамояд.

Қайд карда мешавад, ки чораҳои хусусияти таъсиррасонии оперативидоштаро (хусусияти раддия) бо муҷозот ва чораҳои ҷавобгарӣ тавъам донистан мумкин нест. Онҳо таъиноти гуногун доранд. Тавъам

донистани онҳо маънои мумкин будани барои як ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ намудани ду чораи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро дорад.

Барои татбиқ намудани чораҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ шартҳои муайяни дар қонунгузорӣ мустаҳкам кардашуда заруранд. Аз рӯйи ақидаи диссертант зери чораҳои фаврии таъсиррасонии ҳуқуқи истеъмолкунандагон фаъолияти онҳо оиди татбиқи воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда бе муроҷиат кардан ба мақомотҳои ваколатноки давлатӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.

Боби сеюми диссертатсия «**Ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон»** аз се параграф иборат аст. Вай ба проблемаҳои хусусияти ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҷуброни зарари молумулкӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҷуброни зарари маънавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон бахшида шудааст.

Дар параграфи аввал **«Хусусиятҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон»** таваҷҷуҳ ба он нигаронида мешавад, ки муҳиммияти ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муносибати ҳамдигарии истеъмолкунанда бо контрагентҳои вай пеш аз ҳама бо муҳим будани истифодабарии он вобаста мебошад. Хусусияти вай дар он аст, ки дар мавриди мавҷуд набудани иродаи истеъмолкунанда татбиқ карда намешавад. Фақат истеъмолкунанда ҳал карда метавонад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншудааш муроҷиат кунад ё не. Ҳарчанд имконияти ихтиёрӣ барқарор кардани ҳуқуқҳои молумулкии истеъмолкунандагонро қонунгузории гражданӣ ба контрагентҳо дода бошад ҳам фурӯшанда ихтиёрӣ бе ягон маҷбуркунӣ ноустуворона пардохткунанда, ҷубронкунандаи зиён ва зарари истеъмолкунандаро хеле кам вохурдан мумкин аст. Дар чунин мавридҳо хусусияти «ғоибона» амал кардани чораҳои таъсиррасонии маҷбуркунии давлатӣ ошкоро маълум аст, зеро контрагентҳои истеъмолкунандагон ҳамту намехоҳанд ба худ оқибатҳои манфии татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, ки аз руи андозааш аз ҷуброни ихтиёрӣ чандин маротиба таъсирноктар аст, гиранд. Аз ҳамин сабаб таклиф карда мешавад, ки ба моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррароти зерин бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Дар мавриди ба истеъмолкунанда фурӯхтани моли бесифат ё расонидани хизмати бесифат, ки дар натиҷаи он зиён (зарари воқеӣ) расонида шудааст, фурӯшанда (ё ташкилоти вазифаи фурӯшандаро иҷрокунанда) ухдадор аст зарари истеъмолкунандаро ҷуброн кунад ва бо талаби истеъмолкунанда ихтиёрӣ ноустуворона пардохт кунад. Дар акси ҳол иҷрои ин ухдадорӣ бо тартиби маҷбуркунӣ таъмин карда мешавад». Чунин қоидаи қонунӣ бо таҳдиди татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ ҳамчун «фишанги» таъсиррасонӣ ба фурӯшанда ё ташкилоти вазифаи фурушандаро иҷрокунанда барои ихтиёрӣ иҷро намудани вазифаҳои худ ухдадоркунанда хизмат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки ихтиёрӣ ҷуброн намудани зарар ва пардохти ноустуворона на фақат бо таҳдиди мавҷуд будан ва татбиқ намудан чораҳои маҷбуркуни давлатӣ алоқамандаст. Ихтиёрӣ барқарор намудани ҳолати молумулкии истеъмолкунанда аз шуури ҳуқуқии соҳибкор ва кушиши

нигоҳ доштани эътибори корӣ, нуфуз ва рақобатпазирӣ дар муносибатҳои бозорӣ вобаста мебошад. (Рахимзода М.З.).

Дар параграфи дуюм **«Ҷуброни зарари молумулкӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда»** нишон дода мешавад, ки ба истеъмолкунанда дар асоси қонунгузорӣ оиди ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарари ба вай расонидашуда дар ҳаҷми пурра дода шудааст. Хусусияти ҷуброни зарари молумулкии ба истеъмолкунанда расонидашуда дар он аст, ки зарар дар мавриди расонидан дар ҳадди амали муҳлати коршоямӣ ё муҳлати хизмати мол, кор, хизмат ҷуброн карда мешавад. Боиси тазаккур аст, ки мазмуни истилоҳи «зарар» дар адабиёти махсус танҳо дар алоқамандӣ бо хислати молумулкии вай ифода мегардад, ҳол он ки дар чунин мавридҳо аз афташ сухан дар бораи намуди дигари мафҳуми «зиён" (зиёни воқеӣ) ҳамчун чораи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ меравад, Зиёни воқеӣ бояд тавассути воситаҳои сарфшудае, ки истеъмолкунанда барои дуруст истифода бурдани мол новобаста аз арзиши он хароҷот кардааст, муайян шавад. Бе ягон шубҳа ҷумлабандии қонунгузор оиди зиёни воқеӣ барои институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон қобили қабул аст, чунки даромади гирифтанашуда (фоидаи аз даст рафта) ба истеъмолкунанда дахл надоранд.

Намуди дигари шакли ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон руёнидани ноустуворона мебошад (қ.1 м.381 КГ ҶТ), ки мавриди руёнидани он исботи воқеияти расонидани зарар талаб карда намешавад. Хусусияти дигари ҷуброни зарари молу мулкии ба истеъмолкунанда расонидашуда зарар ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда мебошад. Меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқии ин муносибатҳоро танзимкунанда функсияи барқароркунандаро доранд (м. 1189 КГ ҶТ).

Дар параграфи сеюм «**Хусусиятҳои ҷуброн намудани зарари маънавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон»** қайд карда мешавад, ки таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ҷуброни зарари маънавии ба истеъмолкунанда расонидашуда дар навбати аввал таваҷҷуҳро ба он менигаронад, ки истеъмолкунанда ғайр аз азоби ҷисмонӣ азоби руҳиро низ ҳис мекунад. Оиди муносибати ҳамдигарии истеъмолкунандагон бо контрагентҳояшон қайд кардан зарур аст, ки ҳодисаҳои азоби ҷисмонии истеъмолкунандагон нисбати азоби руҳии камтар вомехурад.

Хусусияти расонидани зарари маънавӣ ба истеъмолкунандагон дар он аст, ки ҳатто дар мавридҳои камаҳамият ҳам контрагентҳои истеъмолкунандагон бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Зарур нест, ки зарари маънавӣ хусусияти давомнок дошта бошад ё азоби амиқи руҳӣ расонад, барои ин дар ҷои ҷамъиятӣ ба ҳаяҷон, табъи хира дучор омадани истеъмолкунанда кофӣ аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки истеъмолкунандагони ҳуқуқашон вайронгашта мавриди мурочиат намудан ба контрагентҳои худ дар бораи ҳуқуқҳои доштаашон маълумоти кофи надоранд ва аз ин сабаб фурӯшандагон, иҷрокунандагон ва истеҳсолкунандагон, аз боварии истеъмолкунандагон суиистеъмол намуда ҳуқуқҳои онҳоро вайрон менамоянд.

Аз сабаби набудани мафҳуми муайян ва танзими аниқи зарари ба истеъмолкунанда дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон расонидашуда

муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо мазмуни зерин пурра карда шавад: «Зарар – ин ҳамагуна пастзании ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи субъектҳои муносибатҳои истеъмолӣ ҳамчун оқибати амалҳои зиддиҳуқуқӣ мебошад».

## ХУЛОСА

Дар раванди гузаронидани таҳқиқот, бахшида ба проблемаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси таҳлили назариявӣ ва амалии асосҳои қонунгузорӣ, муаллиф ба чунин натиҷаҳо ва пешниҳодҳо ноил шуд:

**1.** Вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, диссертант инкишофи Қонунгузории Тоҷикистонро дар ин соҳа ба марҳилаҳои зерин ҷудо менамояд:

- марҳилаи аввал аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият то қабули Конститусияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 (1991-1994);
- марҳилаи ташаккули асосҳои нави қонунгузории ҶТ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (1994-2000);
- марҳилаи минбаъдаи рушди қонунгузории ҶТ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (2000 то ба ҳол);

2. Асоснок карда мешавад, ки савдо ба воситаи интернет-мағозаҳо давраи нави инкишоф ва намуди шартномаи хариду фурӯш мебошад. Пайдоиши он боиси маҳрум шудани истеъмолкунанда аз имконияти воқеан бо тариқи "зинда" муоширaт кардан ба фурӯшанда гардида, сабаби минбаъд мураккаб шудани муносибатҳои байни онҳо шуд. Ҳамзамон, ҳангоми набудани хуҷҷати тасдиқкунандаи харидории мол ба истеъмолкунанда имконият намедиҳад, ки дар мавридҳои муайян шудани камбудиҳои он, барои шикоят кардани далели кофиро пешниҳод намояд. Барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузорӣ фурӯши мол тавассути интернет-мағозаҳо фурӯшанда бояд суроға, маълумотҳои алоқавиро дар бораи маҳалли ҷойгиршавӣ, муҳлатҳои кафолатӣ ва ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро нишон диҳад. Барои тасдиқи воқеияти харидории мол мубодилаи мактубҳо, қабули шартҳои созишномаи дар сомона овардашуда, аудио-видео хабарҳо, ба имзо расидани созишнома тавассути имзои электронӣ ва расми HTML веб саҳифа, ки дар он хариди мол нишон дода шудааст, асос шуда метавонанд **[8-М].**

3. Қайд карда мешавад, ки зарурати бо моддаи 563.1 пурра намудани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. «Фурӯши молҳо бо истифода аз захираҳои электронӣ» ном дорад ва онро ба таври зайл баён намояд: «Дар ҳолати фурӯши мол тавассути захираҳои электронӣ шахсе, ки захираи электрониро таъсис додааст, шахси хидматрасонии техникӣ ё иҷрои вазифаҳои фурӯшанда вазифадор аст суроға ва маълумоти зарурӣ дар мундариҷаи манбаи интернетӣ дар бораи истеҳсолкунанда, кишвари истеҳсоли маҳсулот, мӯҳлатҳои кафолат ва мӯҳлати хизмати моли фурӯхташаванда. Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти зарурӣ шахси масъул ба ҷавобгарӣ кашида мешавад».

4. Истеъмолкунанда моҳиятан аз лаҳзаи харидории мол (кор ва хизмат) ҳуқуқ ба ҳифз дорад. Ин ҳуқуқи субъективии вай мебошад, ки имконияти қаноатманд намудани онро қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст ва онро танҳо бо ташаббуси худ истифода бурда метавонад. Ҳуқуқи субъективии истеъмолкунанда ва ҳуқуқи истеъмолкунанда барои ҳифзи ҳуқуқ ҳарчанд бо ҳамдигар алоқаманд бошанд ҳам, тавъам нестанд. Ҳуқуқи субъективии истеъмолкунанда чораи рафтори имконпазири истеъмолкунанда мебошад, ки қонунгузор муайян кардааст. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба ҳифз бошад амали шахси ҳуқуқдор нисбати шахси уҳдадор бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ мустақилона ё тавассути мақомоти давлатӣ мебошад **[2-М], [15-М]..**

5. Кайд карда мешавад, ки шаклхои хифзи хукуки истеъмолкунандагон метавонанд юридикӣ ва ғайриюридикӣ бошанд. Шакли юридикии хифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии ваколатдор амалӣ карда мешавад. Шакли ғайриюридикии ҳифзи истеъмолкунандагон амали шахрвандон ва ташкилотхоро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи онҳо фаро мегирад. Таъкид шудааст, ки ҳифзи ғайриюридикӣ яке аз шаклҳои самарабахши ҳифзи истеъмолкунандагон мебошад. Он аз ҷониби худи истеъмолкунандагон ба таври пешакӣ, пеш аз муроҷиат ба мақомоти давлатӣ, тавассути тамос бо ҳамтоёни худ татбиқ карда мешавад. Ҳимояи ғайриюридикӣ яке аз шаклҳои аслии ҳифзи истеъмолкунандагон ва воситаи муҳими истеъмолкунандагон мебошад, зеро истеъмолкунандагон бояд дар марҳилаҳои аввали поймолкунии ҳуқуқҳои худ аз мавҷудияти чунин ҳуқуқҳо огоҳ бошанд **[8-М].**

6. Қайд карда мешавад, ки худмуҳофизатӣ яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Вай ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, амали истеъмолкунанда барои барқарор кардани ҳуқуқҳояш буда, танҳо бо муносибатҳои шартномавие, ки бо маҷбуркунии давлатӣ алоқаманд намебошанд, асос меёбад **[1-М].**

7. Асоснок карда мешавад, ки чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда яке аз намудҳои гуногуни чораҳои маҷбуркунӣ ва тарзи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба шумор меравад. Асос барои татбиқи чораҳои ҳифз «рафтори зиддиҳуқуқии шахс (фурушанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) новобаста аз хусусияти гунаҳкорона ё бегуноҳона будани он» мебошад. Чораҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун воситаҳои ҳуқуқӣ барои барқарор кардани ҳуқуқ, қатъ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва барқарор намудани ҳолати то ҳуқуқвайронкунӣ ҷойдошта равона шудааст **[6-М].**

8. Соҳибкорон дар рафти фаъолияти худ ба фурӯши молҳои бесифат бошуурона роҳ медиҳанд. Аммо онҳо дидаю дониста ба зиммаи худ таваккалии оқибатҳои фуруши моли бесифатро вогузор менамоянд (В.А. Ойгензихт, М.З. Рахимзода). Ҳамин тавр, барои фоидаро аз даст надодан таваккал мекунанд. Дар чунин ҳолат таваккалии соҳибкор ба сифати асоси субъективӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани соҳибкор баромад мекунад **[6–М].**

9. Тавзеҳ дода мешавад, ки мафҳуми чораҳои фаврии таъсиррасонӣ аз рӯйи мазмуни худ бо чораҳои хусусияти раддиядошта мувофиқат мекунанд. Онҳо фаъолияте мебошанд, ки бояд шахси дорои ҳуқуқ бевосита ҳамчун

тарафи муносибатҳои шартномавӣ нисбати вайронкунандагони ҳуқуқи истеъмолкунандагон то муроҷиат кардани субъект ба мақомотҳои салоҳиятноки давлатӣ татбиқ намояд. Иловатан асоснок карда мешавад, ки чораҳои таъсиррасонии фаврӣ (чораҳои хусусияти раддиядошта) бо муҷозот ва ҷавобгарии ҳуқуқи тавъам гуфтан мумкин нест. Онҳо татбиқоти гуногун доранд. Вобаста донистани онҳо маънои онро дорад, ки барои як ҳуқуқвайронкунӣ ду чораи ҷавобгарӣ татбиқ кардан мумкин нест. Барои татбиқи чораҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ шарти муайяни дар қонунгузорӣ пешбинишудаи ҷавобгарӣ зарур аст. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳамчун чораи фаврии таъсиррасонии ҳуқуқи истеъмолкунандагон фаъолияти онҳо оиди татбиқи воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншудаи худ бе муроҷиат кардан ба мақомотҳои ваколатноки давлатӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шавад.

10. Аз сабаби он ки банди 15 моддаи. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Нуксони назарраси маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ин нуқси бартарафшавандаи маҳсулотест, ки пас аз истифодаи он ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он моли харидори истеъмолкунанда бо душворӣ ё пастсифат истифода мешавад ва ё бартараф карда намешавад. бе хароҷоти номутаносиб - на камтар аз 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо , такроран ошкор карда мешавад ё пас аз таъмири таҷҳизот такрор мешавад.

11. Ҷавобгарии шаҳрвандӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва шарикони ӯ, пеш аз ҳама, бо аҳамияти истифодаи он муайян карда мешавад. Онро дар сурати набудани хохиши истеъмолкунанда ичро кардан мумкин нест. Хусусияти масъулияти гражданӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон маҳз дар он аст, ки танҳо истеъмолкунанда метавонад қарор қабул кунад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудааш муроҷиат намояд. Дар акси хол ичрои ин ухдадорӣ мачбур мешавад».

12.Ҳангоми омӯзиши масъалаи ҷуброни зиён вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, пеш аз хама, бояд ба чунин ҷиҳат, монанди ҷуброни зараре, ки аз зарари вокеӣ расонида шудааст, таваҷҷуҳ кард. Зрари ҷуброни истеъмолкунанда бояд аз рӯи ҳамон маблағҳои сарфшуда, ки истеъмолкунанда барои истифодаи дурусти маҳсулот истифода мебарад, муайян карда шавад. Дар сурати бемузд бартараф намудани нуксонхои махсулот ва паст шудани фуруши махсулот ба истеъмолкунанда бояд товони зарари хакикй дода шавад. Мо дуруст мешуморем, ки зарари воқеиро аз бад шудани пешниҳод ҳамчун зарари воқеии ба истеъмолкунанда расонидашуда муайян кунем. Хангоми ба назар гирифтани ахамият ва арзиши махсулоти пастсифати аз тарафи истеъмолкунанда харидашуда, пеш аз хама, бояд аз зарари моддии ба истеъмолкунанда расонидашуда, сарфи назар аз арзиши махсулот. Ба хамин тарик, мо ба максад мувофик мешуморем, ки моддаи мазкур илова карда шавад. Моддаи 18-и Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» омадааст, ки новобаста аз ҳаҷм ва вазни маҳсулот, ҳангоми ошкор шудани сифати пасти маҳсулот ба истеъмолкунанда зарари воқеии расонидашуда ҷуброн карда мешавад. **[1-М].**

13. Қайд карда мешавад, ки чораҳои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунанда бар хилофи чораҳои ҷавобгарии соҳибкор барои вайрон кардани манфиатҳои истеъмолкунанда кафолатҳои иҷтимоии адолат ва баробариро дар муносибатҳои гражданӣ, ки давлат муқаррар кардааст, новобаста аз гуноҳи фурӯшанда, истеҳсолкунанда, истеҳсолкунандаи мол. Гуфта мешавад, ки тадбирҳои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон на ҳамеша бо ваколатҳои ҳукумат ва маҷбуркунии ҳукумат алоқаманданд. Онҳо танҳо дар ҳолатҳое ба амал омада метавонанд, ки ҳуқуқвайронкун бо хоҳиши истеъмолкунанда ӯҳдадории қонунии худро ихтиёран иҷро накунад. Он гоҳ зарурати татбиқи чораҳои маҷбурии муҳофизатӣ ба миён меояд. Танҳо суд метавонад аз номи давлат чунин чораҳои муҳофизатиро татбиқ намояд **[6-М].**

14. Муаллиф қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷуброни зарари маънавии ба истеъмолкунанда расида баррасӣ намуда, пеш аз ҳама ба он таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад, ки истеъмолкунанда дар баробари азобҳои ҷисмонӣ, азоби амиқи рӯҳӣ низ эҳсос мекунад. Аз ин рӯ, байни ранҷҳои ҷисмонӣ ва азоби рӯҳии истеъмолкунанда фарқ кардан лозим аст. Барои азобу укубати чисмонй ва рухонй аз чуброни зарари маънавй му-каррароти конунро дар бораи зарар ба хаёт ва саломатии истеъмолкунанда истифода бурдан мумкин аст. Дар мавриди муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва ҳамтоёни онҳо бояд қайд кард, ки ҳолатҳои азоби ҷисмонии истеъмолкунандагон нисбат ба азобҳои рӯҳӣ камтар мушоҳида мешавад. Азоби ҷисмонии истеъмолкунанда ва вижагиҳои он дар он аст, ки ҳар як шаҳрванд метавонад бо ин мушкил рӯбарӯ шавад. Хусусияти ҷуброни зарари маънавӣ ба истеъмолкунандагон дар он аст, ки он бо роҳи ба даст овардани мол танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, маишӣ ва маишӣ ҷуброн карда мешавад, на бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ. Муносибатҳо бояд ба таври қатъӣ муайян карда шаванд, зеро шахсони ҳуқуқие, ки мол харидаанд ё хизматрасонӣ истифода кардаанд, бояд ба судҳои иқтисодӣ муроҷиат кунанд, истеъмолкунанда, ки зарари маънавӣ расонидааст, ҳуқуқ дорад ба суди тобеияти умумӣ муроҷиат кунад ва аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шавад. Хусусияти расонидани зарари маънавӣ ба истеъмолкунандагон дар он аст, ки ҳатто дар ҳолатҳои ночиз ҳам шарикони истеъмолкунанда бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Зарур нест, ки зарари маънавӣ дорои хусусияти доимӣ бошад ё боиси изтироби амиқи рӯҳӣ гардад, ё ҳатто ҷанҷол бо фурӯшанда дар ҷои ҷамъиятӣ кофӣ аст; Таҷриба нишон медиҳад, ки истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқҳояшон поймол шудааст, ҳангоми муроҷиат бо шарикони худ аз мавҷудияти ҳуқуқҳои худ ба таври кофӣ огоҳ нестанд ва аз ин рӯ, фурӯшандаҳо, истеҳсолкунандагон ва истеҳсолкунандагон аз боварии истеъмолкунандагон суиистифода намуда, ҳуқуқи онҳоро нодида мегиранд. Дар ин асос истеъмолкунанда борхо ба фурушанда мурочиат карда, азобу укубати маънавиеро, ки ба у хос аст, мекашад. Дарди маънавии истеъмолкунанда ва вижагиҳои он дар он аст, ки ҳар як шаҳрванд метавонад ба ин мушкил рӯбарӯ шавад ва дарди равонии ӯ метавонад ба ҳар як шаҳрванд таъсир расонад. Хусусияти чуброни зарари маънавй ба истеъмолкунандагон дар он аст, ки он аз хисоби харидани мол танхо барои эхтиёчоти шахей, маишй ва маишй чуброн карда мешавад **[1-М].**

Бо сабаби набудани мафҳуми мушаххаси зарар дар соҳаи ҳифзи истеъмолкунандагон ва танзими дақиқи ҷуброни зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда, муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи мазкур илова карда шавад. Моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо сархати зайл ифода карда шудааст: «Зарар – ҳама гуна поймол кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонун ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқии истеъмолкунанда, ки дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ба амал меояд».

## ТАВСИЯҲО
## ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи омӯзиши самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раванди такмили қонунгузорӣ, тартиби барномаҳои омӯзишӣ, тартиб додани консепсияҳои давлатӣ, дастурамалҳои мақомотҳои давлатӣ ва баррасии парвандаҳо дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар судҳои ҷумҳурӣ. Таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон моро водор сохт, ки якчанд иловаҳоро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем. Баъди харидорӣ намудани маҳсулотҳо тариқи интернет-мағозаҳо бисёре аз истеъмолкунандагон аз оқибатҳои ҳуқиқии он водор намешаванд. Дар бисёре аз интернет-мағозаҳо маълумотҳои кофӣ дар бораи маҳсулотҳо, мӯҳлати кафолатӣ, мӯҳлати бозпасгардонӣ ё иваз гуфта нашудааст.

Ҳамин тариқ пешниҳод менамоем, ки ба қонунгузорӣ чунин иловаҳоро ворид созанд:

Бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таклиф карда мешавад:

**1.** м. 563.1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёр бо мазмуни зерин илова карда шавад: «**Фурӯши молҳо бо истифодаи имкониятҳои интернетӣ.** Дар мавридҳои фурӯши молҳо тавассути шабакаи интернетӣ шахси ин имкониятҳоро ташкилкарда уҳдадор аст, ки дар мазмуни манбаъҳои интернетӣ суроға ва маълумоти зарурӣ дар бораи истеҳсолкунанда ва мол ҷойгир кунад. Дар мавриди мавҷуд набудани чунин маълумоти зарурӣ шахси мутасаддӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад»

**2.** м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо банди зерин пурра карда шавад.

**3.** «зиён – ин ҳамагуна пастзании ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни муҳофизаткунандаи истеъмолкунанда ҳамчун оқибати амалҳои зиддиҳуқуқии контрагентҳои вай (фурӯшандагон, истеҳсолкунандагон ва иҷрокунандагон) мебошад» **[3-М].**

**4.** банди 15 м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар таҳрири зерин баён карда шавад:

- «норасогии муҳимми мол (кор, хизматрасонӣ) – ин камбудии бартарафшавандаи мол, ки дар натиҷаи он моли ба даст овардаи

истеъмолкунанда бо душворӣ ё бесифат истифода бурда мешавад ё бе хароҷоти номувофиқ (на кам аз се нишондиҳандаҳо барои ҳисобкунӣ) бартараф карда намешавад ё на як бор пайдо мегардад ё баъди бартараф кардани аввалин боз пайдо мегардад, ҳисобида мешавад».

**5.** қ. 9 м.18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ба фурӯшанда зарур аст мавриди фурӯши мол тавассути саҳифаҳои электронӣ (интернет-мағозаҳо) суроға, маълумотҳои алоқавӣ дар бораи мавзеи ҷойгиршавии худ, муҳлатҳои кафолатноки мол ва ҳуқуқи истеъмолкунандаро нишон диҳад. Барои тасдиқи воқеияти харидории мол метавонанд мубодилаи мактуб, қабули шартҳои созишномаи дар сомона буда, аудио-видео хабарҳо, имзои электронии созишномаҳо, расмҳои HTML веб-саҳифаҳо, ки харидории мол нишон дода шудааст, хизмат карда метавонанд» **[1-M].**

Дар диссертатсия ҳамчунин дигар хулосаю таклифҳо оиди мукаммал гардонидани назария ва амалияи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баён карда шудаанд

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### 1. Монография:

**[1-М]** Болтуев, У.С. Защита прав потребителей по законодательству Республики Таджикистан: проблемы теории и практики» [Текс] / У.С. Болтуев // – Худжанд: Ношир, 2014. – 180 с.

### 2. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст:

**[2-М]** Болтуев, У.С. Право на защиту как субъективное право [Текст] / У.С. Болтуев // Академический юридический журнал. – 2019. – №2(30). – С. 135-141. ISSN 2305-0535

**[3-М]** Болтуев, У.С. Ҳуқуқҳои асосии истеъмолкунандагон ва шарҳи онҳо [Матн] / У.С. Болтуев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №4. – С.235-241. ISSN 2074-1847

**[4-М]** Болтуев, У.С. Оиди баъзе масъалаҳои ҳуқуқии сифати мол ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш [Матн] / У.С. Болтуев // АХБОРИ ДДХБСТ. – 2020. – №4(85). – С. 95-102. ISSN 2411-1945

**[5-М]** Болтуев, У.С. К вопросу о некоторых юрисдикционных органах защиты прав потребителей в Республики Таджикистан и за рубежом [Текст] / У.С. Болтуев // Вестник Таджикского национального университета. Сер. Социально-экономических и естественных наук. – 2013. – №3. – С.150-153. ISSN 2074-1847

**[6-М]** Болтуев, У.С. «Основания применения мер защиты прав потребителей» [Текст] / У.С. Болтуев, М.З. Рахимзода. // Академический юридический журнал. – 2022. №3(44) – С. 101-105. ISSN 2305-0535

**[7-М]** Болтуев, У.С. К вопросу о правовых аспектах товаров как предпосылка защиты прав потребителей [Текст] / У.С. Болтуев // Вестник педагогического университета. – 2011. – №3 (39). – С. 79-84. ISSN 2219-5408.

**[8–М].** Болтуев У.С. Развитие законодательства в области защиты прав потребителей [Текст] / У.С. Болтуев //Научный журнал «Правовая жизнь».– 2022.–№ 39, С.165–172. ISSN 2307 – 5198.

### 3. Мақолаҳое илмӣе, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмию амалӣ нашр шудаанд:

**[9-М]** Болтуев, У.С. К вопросу о некоторых юрисдикционных органах защиты прав потребителей в Республики Таджикистан и за рубежом [Текст] / У.С. Болтуев // Известия Национальной академии наук Кыргызской Республики. – 2013. – №4. – С.119-122.

**[10-М]** Болтуев, У.С. Объективная необходимость защиты прав потребителей в современных условиях [Текст] / У.С. Болтуев // Вестник ТГУ ПБП. – 2011. – №2 (№46). – С.18. ISSN2218-256X.

**[11-М]** Болтуев, У.С. Возникновение и развитие института защиты прав потребителей в гражданском праве [Текст] / У.С. Болтуев // Научный журнал «Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана». – 2011. №10. – С. 109-111.

**[12-М]** Болтуев, У.С. К вопросу об истории становления института защиты прав потребителей [Текст] / У.С. Болтуев // Вестник ТГУ ПБП. – Хуҷанд. – 2011. – №4 (№48). – С. 23. ISSN2218-256X.

**[13-М]** Болтуев, У.С. О соотношении правового статуса потребителя и предпринимателя в действующем законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / У.С. Болтуев // Научный журнал «Наука, новые технологии и инновации Кыргызстана». – 2010. – №10. – С. 60-62.

**[14-М]** Болтуев, У.С. Необходимость предложения потребителям качественных товаров как важный фактор защиты прав потребителей [Текст] / У.С. Болтуев // Сборник научных работ по 1-ой международной научно-студенческой конференции «Современные проблемы и тенденции развития экономики, управления и юриспруденции. – Ижевск. – 2012 г. – С.13-18.

**[15-М]** Болтуев, У.С. Роль антимонопольного органа в защите прав потребителей [Текст] / У.С. Болтуев // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-назариявии Конфронси вилоятии олимон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд. – 2011. – С. 48-52.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Болтуева У.С. на тему: «Защита прав потребителей по законодательству Республики Таджикистан: проблемы теории и практики» на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности: 12.00.03 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право**

**Ключевые слова:** потребитель, субъективные права потребителей, защита прав потребителей, формы защиты прав потребителей, способы защиты прав потребителей, меры защиты, меры ответственности, меры оперативного воздействия, гражданско-правовая ответственность, возмещение морального вреда, современные условия, объективная необходимость.

Цель диссертационного исследования заключается в анализе законодательства Республики Таджикистан, комплексном исследовании сущности и содержания института защиты прав потребителей в гражданском праве.

При написании диссертационной работы использовались общенаучные, специальные, частные методы исследования: историко-правовой, сравнительно-правовой, формально-юридический, эмпирический, функциональный, традиционно правовые методы, методы, применяемые в конкретно-социологических исследованиях.

Диссертация представляет собой первую попытку проведения специального комплексного теоретического исследования, посвящённого защите прав потребителей, в юридической науке Республики Таджикистан. Краеугольным моментом исследуемой проблемы является определение понятия и правового статуса потребителя, а также защита его прав.

В работе обосновывается вывод о необходимость защиты прав потребителей в современных условиях, право на защиту как субъективного права потребителей, форм и способов защиты прав потребителей, мер защиты прав потребителей, защиты прав потребителей мерами отказного характера, гражданско-правовой ответственности за нарушение прав потребителей, особенности возмещения морального вреда за нарушение прав потребителей, выявлены пробелы в её правовом регулировании и предложены рекомендации по их устранению, дальнейшему совершенствованию института защиты прав потребителей в Республике Таджикистан.

Основные выводы и предложения диссертационного исследования имеют большое теоретическое и практическое значение, направлены на эффективную реализацию законодательства Республики Таджикистан в области защиты прав потребителей.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Болтуев У.С. дар мавзӯи «Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси; 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Калидвожаҳо:** истеъмолкунанда, ҳуқуқи субъективии истеъмолкунандагон, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, шаклҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, чораҳои ҳимоя, чораҳои ҷавобгарӣ, чораҳои таъсиррасонии фаврӣ, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маънавӣ, шартҳои муосир, зарурияти объективи.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, таҳқиқоти ҳаматарафаи моҳият ва мазмуни институти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар ҳуқуқи гражданӣ мебошад.

Дар вақти навиштани кори диссертатсионӣ услубҳои умумиилмӣ, махсус, алоҳидаи таҳқиқотӣ – таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-юридикӣ, эмпирикӣ, услубҳои анъанавии функсионалӣ, услубҳои дар таҳқиқотҳои аниқи иҷтимоӣ истифодашаванда татбиқ шудаанд.

Диссертатсия кӯшиши аввалини гузаронидани таҳқиқоти ҳаматарафаи назариявии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷавҳари муаммои таҳқиқшаванда муайян кардани мафҳум ва мақоми ҳуқуқии истеъмолкунанда, ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда, шаклҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, чораҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон бо чораҳои таъсиррасони фаври, хусусияти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар асоси ҷавобгарии граждании ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ҷуброни зарари маънавие, ки ба истеъмолкунандагон расонида шудааст.

Дар диссертатсия хулоса дар бораи зарурати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон асоснок гашта, дар танзими ҳуқуқии он камбудиҳои мавҷуда муқаррар карда шуда, оид ба бартараф намудани онҳо, мукаммал гардонидани мазмуни институти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон тавсияҳо таклиф шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд ва ба татбиқи самараноки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон равона гаштаанд.

## ANNOTATION

**of the thesis of dissertation of Boltuev U.S. on the topic: “Protection of consumer rights under the legislation of the Republic of Tajikistan: problems of theory and practice” for the degree of candidate of Law sciences in the specialty: 12.00.03 – Civil Law; Business Law; Family Law; International Private Law**

**Keywords:** consumer, subjective consumer rights, consumer protection, forms of consumer protection, methods of consumer protection, protection measures, liability measures, operational measures, civil liability, compensation for moral damage, modern conditions, objective necessity.

The purpose of the dissertation research is to analyze the legislation of the Republic of Tajikistan, a comprehensive study of the essence and content of the institution of consumer protection in civil law.

When writing the dissertation work, general scientific, special, private research methods were used: historical-legal, comparative-legal, formal-legal, empirical, functional, traditional legal methods, methods used in concrete sociological research.

The dissertation is the first attempt to conduct a special comprehensive theoretical study on the protection of consumer rights in the legal science of the Republic of Tajikistan. The cornerstone of the problem under study is the definition of the concept and legal status of the consumer, as well as the protection of his rights.

The paper substantiates the conclusion about the need to protect consumer rights in modern conditions, the right to protection as a subjective right of consumers, forms and methods of protecting consumer rights, measures to protect consumer rights, protect consumer rights by measures of a waiver, civil liability for violation of consumer rights, features compensation for non-pecuniary damage for violation of consumer rights, identified gaps in its legal regulation and proposed recommendations for their elimination, further improvement of the institution of consumer protection in the Republic of Tajikistan.

The main conclusions and proposals of the dissertation research are of great theoretical and practical importance; they are aimed at the effective implementation of the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of consumer protection.

Ба чоп 28.05.2024 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Қоғази офсет. Чопи офсет. Гарнитура Time New Roman TJ.
Ҷузъи чопии шарти 4,75.
Теъдоди нашр ____ нусха. Супориши №____.

ҶДММ “ЭР-граф».
734036, ш.Душанбе, куч. Р.Набиев, 218.
Тел: (+99237) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com